**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025.**

Маҷмуи асарҳои ба таърихи халқи тоҷик бахшидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогири масъалаҳои мубрами аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик мебошад. Дар он мавзуъҳои хеле муҳимми миллӣ, ки барои имрӯзи ҷомеаи мо зарур мебошад, таҳлилу баррасӣ шудааст. Муҳимтар аз ҳама осори Пешвои миллат дар дорираи консепсияи манфиатҳои миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Барои насли ҷавону навраси миллати тоҷик омӯзиши чунин осоре, ки саршор аз ғояҳои ватандӯстӣ ва меҳансолорӣ аст, саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мешавад. Интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Шарифзода Ҷамолиддин Сафол ба маврид буда, дар он масъалаҳои меҳварии таърихи аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна баррасӣ мегардад. Муаллиф бо истифода аз усулҳо ва методи таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои баррасишавандаро хеле хуб таҳлил намудааст.

Махсусан, дар автореферати рисолаи доктории Шарифзода Ҷ.С. тамоми меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ дар самти таърихнигорӣ риоя гардида, хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас иброз мешавад. Бояд гуфт, ки бори нахуст дар таърихнигории муосир ва доираи рисолаи докторӣ масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостони халқи тоҷик то замони Сомониён бар асоси омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқу баррасӣ мешавад. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон маводу манбаъҳои таърихии форсӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ иборат мебошад ва раванди ташаккули ақвоми ориёӣ, тамаддуни ориёӣ, шоҳаншоҳиҳои муқтадири ориёӣ, омилҳои шикасту рехти давлатҳои ориёӣ, ҳуҷуми арабҳо ва интишори дини ислом, мубориза озодихоҳонаи

мардуми Хуросону Мовароуннахр бар зидди арабҳо, неҳзатҳои фикрӣ, саҳми сулолаҳои тоҷиктабор дар густариши ислом ва ҷойгоҳи хонадонҳои Тоҳириёну Саффориёнро дар таърихи давлатдории тоҷикон дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошташуда, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро ба назар гирифтаанд, фаро мегирад.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар панҷ бобу ёздаҳ зербоб масъалаҳои фарогирро таҳлил карда, хулосаҳои амиқу дақиқ пешниҳод намояд.

Дар боби нахуст роҷеъ ба консепсияи таърихнигории муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар муносибат ба таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик сухан меравад. Махсусият ва умумияти осори муҳаққиқон иброз шуда аксаран ба осори Пешвои миллат қиёс гардидааст. Ҳамчунин, масъалаи хостгоҳи ақвом ва тамаддуни ориёҳо бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон таҳлил мешавад.

Дар боби дувум бошад, арзишҳои фарҳангии тамаддуни аҷдоди тоҷикон дар мисола забон ва дину оиён баррасӣ мегардад. Дар ин хусус бартарӣ дар он зоҳир мешавад, ки роҷеъ ба марҳалаҳои ташаккул ва густариши забони ақвоми ориёӣ назари муаллиф вуҷуд дорад. Дар ин радиф раванди ташаккул ва густариши ониҳои бостонии аҷдоди тоҷикон – меҳрпарастӣ ва зурвония ба таври барҷаста инъикос мегардад.

Дар боби савум масъалаи истилои араб ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон баррасӣ мешавад. Муаллиф дар асоси китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён»-и Эмомалӣ Раҳмон масъалаи мазкурро дар қиёс бо манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҳлил менамояд.

Дар боби чорум бошад масъалаи таърихи неҳзатҳои фикрӣ ва бедории миллии тоҷикон таҳлил мешавад. Ҷойгоҳи шуубиён ва сулолаҳои Бармакиёну Саҳлиён дар эҳёи арзишҳои миллӣ мушаххас мегардад.

Дар боби охир бошад, масъалаи зуҳур ва таҳкими ҳукумати сулолаҳои маҳаллӣ – Тоҳириёну Саффриён дар Хуросону Мовароуннахр баъд аз истилои араб ва густариши ислом таҳлил мегардад. Таъкид мешавад, ки маҳз дар заминаи таҳаввулотҳои идеологӣ (густариши дини ислом) ва иҷтимоии (рушди

муносибатҳои феодалӣ) ин давра сулолаҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ба сари қудрат омаданд ва ин амр ба ташаккули халқи тоҷик таъсири муассир гузошт.

Дар ин радиф дар кор баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Хуб мешуд, ки дар номи мавзуи таҳқиқшаванда ҳангоми нашри монография калимаи мелодӣ баъди асри 9 гузошта шавад.

2. Ҳаҷми матни қисми мубрамияти муқаддима каме аз меъёр зиёд мебошад.

Дар умум автореферати диссертатсияи доктории Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарриз:**
д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ — Абдуллоев М.
17 майи соли 2025.

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор М. Абдуллоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ — Амиров Ф.А.
19 майи соли 2025

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
тел.: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
факс: (+992 3322) 2-35-06